**Тақриз**

**ба авторефетати диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар мавзӯи «Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)– доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00.–Филология (6D 02.05.02.– Забони тоҷикӣ)**

Ономастика яке аз шохаҳои илми забоншиносӣ буда, дар давраи муосир ҳамчун проблемаи мусири забоншиносӣ дониста шудааст.

Таҳқиқи номҳои одамон (антропонимия), ки як бахши ономастика маҳсуб меёбад, мавзӯи мубрам ва актуалии муҳаққиқону забоншиносон қарор гирифтааст. Дар давраи истиқлолият, хушбахтона масъалаҳои мубраму муосири забоншиносӣ, ба мисли онамастика, лаҳҷашиносӣ, этнолингвистика, сотсиолингвистика, забоншиносии гендерӣ ва ғайра мавриди назари муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Солҳои охир бештар таваҷҷуҳи олимону мутахассисони ҷавон ба риштаи ному номшиносӣ равона шудааст, ки боиси дарстгирӣ аст. Зеро номҳо оинаеанд, ки гузаштаи мо ва гузаштаи табиати зебои моро барои мо инъикос мекунанд. Олими рус В. В Никонов ҳам дуруст қайд намуданд, ки «Шаҳрҳо, тамаддунҳо ва ҳатто забонҳо аз байн рафтаанд, аммо номҳо боқӣ мондаанд».

Ба мавзӯи “Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш” даст задани Холназаров Руҳулло Муҳамадович ҳам бе сабаб нест. Чунки антропонимҳои сокинони ноҳияи Лахш дар муҳити дузабонӣ-тоҷикӣ ва қирғизӣ ташаккул ёфта, дар баробари вижагиҳои забонӣ, ҳамчунин расму оини ин ду миллати бо ҳам дӯст дар антропонимҳо инъикос ёфтаанд.

Аз рӯйи автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Дар муқаддима роҷеъ ба мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мавод ва усули таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии

таҳқиқ масоили ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода мешавад.

Боби якум “Ташаккули антропонимҳои ноҳия аз нигоҳи таърихӣ” ном дошта, аз фаслҳои “Мулоҳизаҳои муқаддимавӣ”, “Номҳои аслии тоҷикӣ” ва “Номҳои иқтибосӣ” ва зерфаслҳо иборат буда, аз ҳамин нуқтаи назар мавриди таҳқиқи амиқу дақиқи диссертант қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия “Хусусиятҳои этнолингвистии номҳои ашхоси ноҳия” номгузорӣ шуда, масоили муҳими мавзӯи таққиқшаванда, яъне муносибати таърихии тоҷикону қирғизон ва инъикоси он дар антропонимҳо, гендер ва муносибати онҳо ба антропонимҳо ва таҳлили гендериро фаро мегирад ва ҳамзистии тоҷикону қирғизҳои ноҳияи Лахш дар мисоли антропонимҳои сокинони минтақаи мавриди назар на танҳо аз ҷиҳати лингвистӣ, балки аз диди этникӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Ҳамчунин, ҷинсият (гендер), ки имрӯз дар номҳои ашхос дида мешавад, хеле ҷолиб ва бо далелҳои раднопазир таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия “Хусусиятҳои овозӣ (фонетикӣ) ва грамматикии номҳои ашхос” ном дошта, дар гузашта раванди аз ҳам ҷудошавии лаҳҷаҳо ва ба забонҳои мустақил табдил ёфтани онҳо, чун маҳсули давраҳои гузашта ва марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ноҳамвор ва номутаносиб тараққӣ кардани онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар боби мазкур хусусиятҳои овозии антропонимҳо ва сохтори морфологии антропонимҳои ноҳияи Лахш дар асоси маводи фаровон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар охири автореферат хулосаи таҳқиқот ва рӯйхати мақолаҳои муаллиф оварда шудааст.

Автореферати диссертатсия бо забони сода ва равону суфта, вале илмӣ иншо шуда, бо варианти русияш мувофиқат мекунад. Дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳои хусусияти таҳририӣ дида мешавад. Аз ҷумла:

1. Дар саҳифаи 23 автореферат ҷумлаи “Ҳамчунин нақши пасванҳо аз нигоҳи занонаву мардона дар мисоли антропонимҳои ноҳияи Лахш дар

ин бахши диссертатсия ба таври васеъ баррасӣ гардидааст" ба шакли зер таҳрир мешуд: "Ҳамчунин, дар сохтани антропонимҳои занонаю мардонаи ноҳияи Лахш нақши пасванд муҳим буда, дар диссертатсия ба таври васеъ баррасӣ гардидаанд".

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад (3, 23).

Ин камбудиҳо қимати илмии таҳқиқотро ҳаргиз коста намекунанд. Автореферати диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти ҶТ мувофиқ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00– Филология (6D 02.05.02– Забони тоҷикӣ) аст.

**Мудири кафедраи забони тоҷикии ДТҶТ ба номи С. Раҳимов, номзади илмҳои филалогӣ, дотсент** **Шафоатов Азал**

**Имзои Шафоатов Азалро тасдиқ мекунам, Сардори шуъбаи кадрҳо** **Деҳқонова Зебо**

ШУЪБАИ КАДРҲО